**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Истиқлолияти сиёсӣ Тоҷикистонро чун дигар кишварҳои пасошӯравӣ ба низоми нави давлату давлатдорӣ рӯ ба рӯ кард. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани мустақилият кишвари мо бо бисёр кишварҳои дуру наздики хориҷӣ робитаҳои мухталифи сиёсӣ, ҳарбӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва ғайра барқарор намуд. Айни ҳол давлати мо бо яке аз кишварҳои пешрафтатарини олам Фаронса низ робитаҳои гуногунҷабҳа дорад. Барои дар оянда боз ҳам тақвият бахшидани робитаҳоямон бо Фаронсаи пешқадам ва аз таҷрибаҳои ин кишвар бархурдор гардидан мо тоҷиконро зарур аст, ки аз забону фарҳанги баландмартабаи Фаронса ҳаддиақал огоҳ бошем. Ба назари мо феълан ду омил моро водор менамояд, ки забони франсавиро донем. Омили аввал он аст, ки забони франсавӣ забони байналхалқӣ ва дуввумин забон (пас аз англисӣ)-и коргузории СММ мебошад ва месазад, ки ин забони бонуфузи байналмилалиро донем. Дуввумин омил, ки дар пешбурди муносибатҳои дуҷонибаи бевоситаи миёни ин ду кишвари соҳибтаммаддун дида мешавад, равобити густурдаи риштаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна аз нуқтаи назари илми филологияи муосири кишварамон бисёр аҳамиятнок ҳисобида шуда, дар ҳаллу фасл намудани бисёр масъалаҳои марбут ба ибора ва иборасозӣ, воҳидҳои фразеологӣ ҳангоми тарҷума кӯмак мерасонад.

Диссертатсия аз муқаддимаи мухтасар, се боби муфассал ва зерфаслу зербандҳо, хулосаҳои бобҳо, натиҷагирии диссертатсия ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Масъалагузориҳое, ки дар муқаддимаи диссертатсия пешкаш гардидаанд, ба маврид буда, таҳқиқоти дохили диссертатсияро комилан ифода карда метавонанд. Диссертант Бойматова Д.М. тавонистааст, ки дар муқаддима аҳамияти илмии мавзӯъро асоснок намояд, корҳои оид ба мавзӯъ то имрӯз ва то кадом андоза омӯхта шудани мавзӯъро дар таҳқиқоти олимони дохилию хориҷӣ нишон диҳад. Мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошташударо муаллиф пурра амалӣ намудааст. Навоварии илмӣ ҳам дар муқаддима ва ҳам дар рафти хониши автореферати

диссертатсия ба мушоҳида мерасад, ки муҳимтарин ҷузъи диссертатсия ба шумор меравад.

Муаллиф дар боби аввал «Воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» оид ба воҳиди фразеологӣ дар умум маълумот дода, аз таърихи омӯзиши масъалаи мазкур ёдовар шудааст ва назарияҳои олимони барҷастаи ин риштаи тадқиқот, аз ҷумла Ш.Балли, В.Виноградов, Ю.Рубинчик, М.Фозилов, А.Мирзоев, Д.Тоҷиев, Ш.Ниёзӣ, Н.Маъсумӣ, Ҳ.Маҷидов ва ғайраро таҳлил намудааст. Дар боби мазкур иборахои рехтаи забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба таври алоҳида матраҳ гардидааст, ки ҷолиби диққат мебошад.

Боби дуюми рисола «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ дар муқоиса ба тарҷума ва нашри фаронсавии он» ном гирифта, он ва фаслҳои боби макур мавзӯи меҳварии рисоларо ташкил менамояд. Дар боби мазкур муаллиф оид ба асари мавриди тадқиқот қарордодашуда ва мавқеи он сухан ронда, ба таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии романи мазкур ва тарҷумаи онҳо дар забони фаронсавӣ пардохтааст. Дар дохили кор муқоисаҳо ва таҳлилҳои диссертант ба таври возеҳ ба назар мерасанд

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю дар муқоиса ба тарҷумаи тоҷикии он» ном дорад ва фаслҳои он ба таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю, монандӣ ва гуногунии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар намунаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва «Бегона»-и Албер Камю бахшида шудааст. Дар охири автореферат хулосаи таҳқиқот ва рӯйхати мақолаҳои муаллиф оварда шудааст. Дар хулосаи умумии диссертатсия муаллиф фикри худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзӯъ ҷамъбаст намудааст, ки мӯҳтавои корро пурра дар бар мегирад ва ҳамчунин пешниҳодоти хешро бобати беҳбуди кайфияти мавзӯи мавриди баррасӣ ироа доштааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибки талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Сарфи назар аз ҳама муваффақият ва дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар расиданд, ки номбар намудани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобати ба назар мерасанд.

2.Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия маводи фразеологии забони тоҷикӣ дар шакли шева оварда шудааст.

Албатта, камбудӣ ва нуқсонҳои дар боло номбаршуда ислоҳпазир буда, арзиши ҳақиқии диссертатсияро, ки дар сатҳи баланди эҷодӣ ва бо истифода аз сарчашмаҳои фаровони илмӣ бунёд ёфтааст, коста намесозанд. Дар диссертатсия унсурҳои илмии масъалагузорӣ, таҳлилу баҳс, роҳҳои мушаххаси ҳалли проблемаҳо ва хулосабарориҳои илмӣ дида шуда, мақолаҳои муаллиф ба муҳтавои диссертатсия мутобиқанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бойматова Дилрабо Меликмуродовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайнидин Мухторович

734025, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33
Тел/факс (992 37) 228 91 51
Mukhtorov67@gmail.com
(+992) 907801822

Имзои З. М. Муторовро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои Махсуси Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон И.И. Абдуалимзода

РАЁСАТИ КАДРХО, КОРГУЗОРИ ВА КОРХОИ МАХСУС